ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктории ***Солеҳзода Шоира Солеҳ*** дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика (5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.

Бо рушди низоми маориф, такмили мазмуну муҳтавои таҳсилот ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим масъалаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти педагогӣ ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Фарҳанги нутқ ҳамчун нишондиҳандаи саводнокӣ, сатҳи маърифат, тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва одоби муошират шахс дар раванди таълиму тарбия ташаккул ёфта, барои рушди қобилияти баёни мустақилона, мантиқӣ, саҳеҳ ва таъсирбахши фикр заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи роҳу усулҳои муассири омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ки дорои имкониятҳои фаровони забонӣ, маърифатӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ мебошанд, аҳаммияти вижаи илмӣ ва амалӣ касб мекунад. Дар ин замина, мавзуи диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ – «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» актуалӣ ва зарурӣ маҳсуб меёбад.

Аҳаммияти мавзуъ, пеш аз ҳама, ба зарурати баланд бардоштани сатҳи саводнокии забонӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон, ташаккули малакаҳои нутқи шифоҳию хаттӣ ва тарбияи насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ муайян мегардад. Омӯзиши мақсадноки ақолҳо, зарбулмасалҳо, панду ҳикматҳо, андарзҳо ва воҳидҳои фразеологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад ба ташаккули маҳорати интихоби дурусти калимаю ибораҳо, дарки маънои аслӣ ва маҷозии воҳидҳои забонӣ,

истифодаи бамавқеи воситаҳои ифоданок ва такмили фарҳанги муошират хонандагон мусоидат намояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ аз он бармеояд, ки дар таълими забони тоҷик имкониятҳои паремиологӣ ва фразеологии забон на ҳамеша бонизом ва мақсаднок истифода мешаванд. Дар баъзе мавридҳо зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳо бештар ҳамчун маводди ёрирасон пешниҳод гардида, имкониятҳои онҳо барои рушди тафаккури таҳлилӣ, маҳорати шарҳу тавзеҳи матн, таҳияи корҳои эҷодӣ ва ташаккули нутқи мустақилонаи хонандагон ба қадри кофӣ амалӣ намегарданд. Муаллиф ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зарурати таҳияи методикаи махсуси таълимро асоснок менамояд.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаи мазкурро дар робитаи мутақобилаи забоншиносӣ, педагогика, равоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълим мавриди омӯзиш қарор додааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ на танҳо ҳамчун унсурҳои таркиби луғавии забон, балки чун воситаи ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ, маърифатӣ ва ахлоқии хонандагон баррасӣ шаванд. Автореферати пешниҳодшуда аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, баёни мазмуни бобҳои диссертатсия, хулосаҳо, тавсияҳои методӣ ва рӯйхати интишороти илмии муаллиф иборат буда, сохтори таҳқиқот ба ҳалли масъалаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда нигаронида шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 360 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва саҳми шахсии муаллиф баён гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ», дар боби дуюм - «Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ», дар бобҳои минбаъда масъалаҳои методикаи омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, роҳу усулҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон, роҳҳои ҳалли машқу супоришҳои таълимӣ ва ташкили корҳои беруназсинфӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф барои такмили раванди таълим ба таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои забонӣ, шарҳи мазмуну ғояи зарбулмасалу мақолҳо, муқоисаи ифодаҳои ҳаммаъно, таҳияи ҷумла ва матн, инчунин иҷрои корҳои эҷодии шифоҳию хаттӣ аҳаммият медиҳад. Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро бо фаъолияти амалии хонандагон пайванд дода, барои истифодаи онҳо дар шароити воқеии муошират заминаи методӣ пешниҳод менамояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ ба малакаҳои амалӣ табдил ёфта, хонандагон воҳидҳои забониро на танҳо аз лиҳози маъно ва сохтор шиносанд, балки истифодаи дурусту бамавқеи онҳоро дар нутқ низ аз худ намоянд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми диссертатсия таҳияи методикаи ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқию маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ мебошад. Муаллиф дар автореферат навгонии илмии таҳқиқотро бо таҳқиқи методикаи мазкур дар шароити педагогикаи ватанӣ, коркарди низоми ҳамгирои омӯзиши паремияҳо ва фразеологизмҳо, муайян кардани меъёрҳои интихоби маводи таълимӣ ва таҳияи силсилаи машқу супоришҳо алоқаманд медонад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар пешниҳоди низоми методии таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, муайян намудани навъҳои хатоҳои хонандагон ҳангоми истифодаи ин воҳидҳо

ва нишон додани роҳҳои бартараф кардани онҳо ифода меёбад. Чунин равиш барои амиқтар намудани фаҳмиши робитаи байни донишҳои забонӣ ва фаъолияти нутқӣ мусоидат менамояд.

Навгонии таҳқиқот ҳамчунин дар таҳияи машқҳо барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон, шарҳи маънои воҳидҳои устувори забон, истифодаи онҳо дар матн ва ташкили корҳои эҷодӣ ифода меёбад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти мазкур дорои самти равшани амалӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси методикаи таълими забони тоҷикӣ нигаронида шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳо, машқҳо, супоришҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик, машғулиятҳои факултативӣ ва корҳои беруназсинфӣ ифода меёбад. Низоми методии кор бо мақолу зарбулмасалҳо, панду ҳикматҳо ва фразеологизмҳо метавонад ба омӯзгорон дар ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон, таҳлили матнҳои бадеӣ, ғанӣ гардонидани нутқи шифоҳию хаттӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги муошарати онҳо ёрӣ расонад.

Қобили зикр аст, ки муаллиф ба масъалаи истифодаи мероси адабии классикони форсу тоҷик низ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Муроҷиат ба осори адабӣ ҳамчун сарчашмаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим бо шинохти арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии миллат пайванд ёбад. Ин ҷанба барои таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба забони давлатӣ ва ташаккули завқи зебоишиносии хонандагон аҳаммияти тарбиявӣ дорад.

Аз маълумоти дар автореферат овардашуда бармеояд, ки муаллиф барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот маҷмуи усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, аз ҷумла таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ, мушоҳида, муқоиса, тавсиф, пурсиш, мусоҳиба, таҷрибаи педагогӣ ва таҳлили маълумоти бадастомадаро истифода бурдааст.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро бо маълумоти таҷрибаи педагогӣ, муқоисаи натиҷаҳо, арзёбии фаъолияти таълимӣ ва таҳлили маводи ҷамъоваришуда алоқаманд намуда, самаранокии низоми пешниҳодшударо асоснок карданӣ шудааст. Тибқи хулосаҳои автореферат, истифодаи бонизоми усулҳо ва воситаҳои методии коркардшуда барои беҳтар намудани малакаҳои нутқ ва азхудкунии воҳидҳои паремиологию фразеологӣ мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди арзёбии мусбати диссертатсия барои такмили минбаъдаи кор чанд мулоҳизаи хусусияти илмӣ-методӣ доштаро баён кардан мехоҳем:

1. Муаллиф ба аҳаммияти таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ба андешаи мо, нишон додани намунаҳои бештар ва муфассали таҳлили як воҳиди забонии мушаххас дар марҳилаҳои гуногуни таълим, аз шарҳи маъно то истифодаи мустақилона дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, метавонист арзиши амалии тавсияҳоро боз ҳам афзун гардонад.

2. Дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ ба мушоҳида расид.

Мулоҳизаҳои мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба такмили ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва таҷрибавии таҳқиқот нигаронида шудаанд. Онҳо аҳаммияти умумии натиҷаҳои бадастомадаро коҳиш намедиҳанд ва ба арзёбии мусбати самти асосии пажуҳиш монеъ намешаванд.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф барои таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии масъала, муайян намудани имкониятҳои таълимӣ ва тарбиявии воҳидҳои паремиологию фразеологӣ, таҳияи низоми машқу супоришҳо ва санҷиши самаранокии методикаи пешниҳодшуда корҳои муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ анҷом додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили мазмуну усулҳои таълими забони тоҷикӣ, ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботии хонандагон

ва истифодаи мақсадноки мероси забонию фарҳангии халқ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» дорои аҳаммияти шоистаи илмӣ ва амалӣ буда, довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 5.3. – Педагогика (5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи таҳсилоти
томактабӣ ва кори иҷтимоӣ Иззатова М.И.

Имзои д.и.п. профессор Иззатова М.И. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кучаи С.Сафаров
тел. (833-22) 2-35-06, 2-36-26, E-mail: info@kgu.tj

«30» октябри соли 2026